Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

13 апрели соли 2002. Шанбе № 27 (12770)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.20 имзо гардид.


## Муҳокимаи иҷрои вазифаҳо ва нақшаҳо

Дар Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маҷлис бахшида ба рафти ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар вазорату идораҳое, ки ба таркиби Маҷмӯи иҷтимоӣ шомиланд, иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани Барномаи озодкунӣ ва амиқгардонии ислоҳот дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷамъият, таъмини амнияти мамлакат ва Барномаи давлатии «Соли эъзози куҳансолон» ба амал омада, таҳти сарпарастии Ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҳамидулло Кароматов гузашта, иштирокдорони он рафти иҷрои вазифаву нақшаҳои пешбинигардидаро ҳамаҷониба муҳокима намуданд.

Чуноне ки зикр ёфт, соли гузашта дар вазорату идораҳои маҷмӯи иҷтимоӣ комёбиҳо ва натиҷаҳои муайян дар бобати амалӣ гардондани ислоҳот ба даст омаданд. Барномаи давлатии ислоҳсозии низоми тандурустӣ собитқадамона амалӣ гардонда мешавад. Ҳоли ҳозир марҳилаи аввали ислоҳот дар ин соҳа бомуваффақият ба анҷом мерасад. Аз он ҷумла дар шаҳри Тошканд кушода шудани Маркази илмии ҷумҳурии кӯмаки оҷилии тиббӣ натиҷаи ислоҳоти мазкур ба ҳисоб меравад. Бо ҳамин васила дар соли 2002 дар низоми тандурустии ҷумҳурият марҳилаи аввали ба вуҷуд овардани сохтори наве анҷоми худро ёфт, ки дорои нерӯи пурқувват мебошад.

Ба муносибати Соли эъзози куҳансолон эълон гардидани соли кунун дар мамлакатамон аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳифз намудани табақаҳои камбизоати аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии онҳо боз ҳам пурзӯр гардид, дар бобати таъмини ҳифзи манфиатҳои куҳансолон корҳои зиёде ба иҷро расонда мешаванд. Расондани кӯмаки ройгони тиббӣ ба собиқадороне, ки меҳнати фидокорона кардаанд, ба куҳансолон расонда додани доруворӣ зарурӣ хуб ба роҳ монда мешавад.

Дар айни замон дар мамлакати мо барои баркамол ба воя расидани авлоди наврас диққату эътибори калон дода мешавад. Фаъолияти Комиссияи оид ба ноболиғони назди Девони Вазирон ҳамаҷониба таҳлил гардида, дар бобати беҳтар кардани доираи амалиёти он чораву тадбирҳо андешида шуданд. Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, такмил додани низоми бо китобҳо таъмин кардани мактабхонони мактабҳо дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат, дар байни ҷавонон тарғиб кардани тарзи солими ҳаёт собитқадамона ба амал бароварда мешавад. Дар ин бобат ташкил намудани мусобиқаҳои мухталиф, ба роҳ мондани бозиҳои варзишии миллӣ аҳамияти калон касб мекунад.

Дар маҷлис ҳамчунин ба камбудиву хатоҳое низ диққату эътибори калон нигаронда шуд ва оиди бартараф кардану роҳ нагузоштан ба онҳо чораву тадбирҳо андешида шуданд.

**(Хабарнигори мо).**

## «Оқсарой»-и нави Шаҳрисабз

***Ба қарибӣ мо ҷашни 666-солагии зодрӯзи Соҳибқирон Амир Темурро қайд намудем. Дар Шаҳрисабз, ки гузаштаи бузурги мо дида ба дунё кушодааст, имсол 2700-солагии худро ҷашн мегирад. Муҳити идона ба ин муносибат боз бо як санаи фархунда саршор гардид. 10 апрел дар ин ҷо маросими кушоиши расмии корхонаи муштараки «Оқсарой тӯқимачӣ ЛТД» ба амал омад, ки бо саъю кӯшиши муштараки тадбиргарони Ӯзбекистон, Туркия ва Ҷопон дари худро боз намудааст.***

***Барои иштирок ба тантанаҳо ба Шаҳрисабз ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Козим ТӮЛАГАНОВ, ҷонишини Нахуствазир Мираброр УСМОНОВ, раиси Ассотсиатсияи «Ӯзбекенгилсаноат» Ботир ЭРГАШЕВ, раиси садорати Бонки Миллии фаъолияти берунии иқтисодӣ Зайниддин МИРХОҶАЕВ, намояндагони сафоратхонаҳои Туркия ва Ҷопон, фирмаи «Бурсел» ва Корпоратсияи «Мицубиси»-и Ҷопон омаданд.***

Маросими мунтантанро ҳокими вилояти Қашқадарё Бахтиёр Ҳамидов кушод.

Дар маросим ҷонишини аввали Нахуствазири ҷумҳурият К.Тӯлаганов суханронӣ кард. Вай зикр намуд, ки корхонаи муштарак, ки бо ҳамкории тадбиргарони Ӯзбекистон, Ҷопон, Туркия сохмон дода шудааст, комёбии на танҳо сокинони Шаҳрисабз, балки тамоми халқи Ӯзбекистон мебошад.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Туркия дар мамлакатамон Решит Эман ва мушовири сафири Ҷопон Имашахи Хироюки собитқадамона рушд ёфтани ҳамкории серҷонибаи иқтисодиро байни мамлакатҳоямон зикр намуда, гуфтанд, ки ба туфайли дар мамлакатамон амалӣ гардондани сиёсат таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов дар бобати дилпурии сармоягузорони хориҷӣ баояндаи Ӯзбекистон мақоми муҳимро ишғол менамояд.

Дар тадбир намояндаи фирмаи «Бурсел» Бурҳон Энуштекин ба Козим Тӯлаганов калиди рамзии корхонаи муштаракро супурд. Ва калиди мазкур ба дасти сардиректори «Оқсарой тӯқимачӣ ЛТД» Зайниддин Боқиев дода шуд.

Бофанда Маҳлиё Умарова зикр намуд, ки ҷавонони Шаҳрисабз аз корхонаи муштарак фахру ғурур мекунанд ва нисбати Президент барои ғамхориаш ва диққату эътибораш ба авлоди наврас миннатдорӣ баён кард.

Сохтмони «Оқсарой тӯқимачӣ ЛТД», ки таъсисгарони он Ҷамъияти саҳҳомии «Садо»-и Шаҳрисабз, Корпоратсияи «Мицубиси»-и Ҷопон ва фирмаи «Бурсел»-и Туркия мебошанд, моҳи сентябри соли 2000 оғоз ёфт. Мувофиқи нақшаи корхона, ки арзиши лоиҳавиаш ба 66.766 миллион доллари ИМА баробар буда, дар бадали 24 моҳ ба истифода супурда мешуд. Дар асл он чор моҳ пеш аз мӯҳлат ба истифода супурда шуд. Ба он аз ҷониби «Садо» дар шакли иншоот ва асбобу ускуна 8.05 миллион доллар, аз «Бурсел» ва «Мицубуси» бошад, 11.237 миллион доллар сармоя гузошта шуд. Барои хариди дастгоҳ ва сохтмон Бонки ҳамкории байналхалқии Ҷопон ба сифати воми имтиёзнок 47.479 миллион доллар пешкаш намуд. Корхона соле 6110 тонна нахи пахтаро аз нав кор мекунад. Аз он 4800 тонна калоба, 2000 тонна газвори кешбофӣ тайёр карда мешавад. Мувофиқи ҳисобу китоби пешакӣ ҳаҷми солонаи содирот ба 20.9 миллион доллар баробар буда, сад фоиз маҳсулот ба содирот роҳ пеш мегирад. Ба туфайли корхонаи мазкури муштарак 640 нафар бо шуғли доимӣ фаро гирифта мешаванд. Ҷавонписарону духтарон дар курсҳои махсус таҳсил карда, алҳол ба идораи дастгоҳҳои мураккаб шурӯъ намуданд. Дар ин ҷо ба ғайр аз бинои маъмуриву истеҳсолӣ иншоотҳои таъиноти маданиву маишӣ ва варзишӣ, иҷтимоӣ низ арзи ҳастӣ мекунанд.

Дар бораи корхонаи мазкур менеҷери лоиҳавии Корпоратсияи «Мицубуси» Ташуяка Суга чунин мегӯяд:

— Пахта боигарии Ӯзбекистон аст. Мо ҳамеша шумоёнро дар бобати азнавкоркарди пахта, ба содирот баровардани маҳсулоти тайёр аз он ҷонибдорӣ мекунем. Ва он кори ниҳоят муфид аст. Сармоягузорӣ ба ин соҳаи Ӯзбекистон фоидаи калон мебахшад.

Аз гуфтаҳои шарики хориҷӣ хулоса бардошта, гуфтан мумкин аст, ки шарикони мо баояндаи дурахшони Ӯзбекистон боварии қатъӣ доранд. Бешак, ин боварӣ ба созмон додани корхонаҳои нав ба нав оварда мерасонад, ки ба мамлакатамон фоида хоҳад овард.

Дар ин ҷо як далелро ба хотир овардан ҷоиз аст. Соли гузашта шаҳри куҳани Шаҳрисабз ба рӯйхати дурдонаҳои мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид. Дарҳақиқат, шаҳри мазкур аз ёдгориҳои таърихӣ саршор аст. Оқсарой, маҷмӯи Дорусаодат, масҷиди Ҳазрати Имом, мақбараи Ҷаҳонгир Мирзо ва дигар ёдгориҳо сарвати халқҳои ҷаҳон гардид ва таҳти ҳифозаи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Ва дар ин бобат маънои рамзие ҳаст, ки корхонаи нави муштарак ба худ номи «Оқсарой»-ро гирифтааст. Мо на танҳо бо замонавӣ, аз нигоҳи иқтисодӣ муфид ва аз ҷиҳати намуд зебо будани он фахру ғурур мекунем. Ва он ба мо номи ниёкони бузург, аз қабили Амир Темур, Шамсиддин Кулол, Муҳаммад Тарағайро ба хотир меоварад, ки дар хорихамон изҳои фаромӯшнопазирро боқӣ гузоштаанд.

**(ӮзА).**


Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон


## Дар бораи даровардани тағйиротҳо ба таркиби Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

1. Инҳо судяҳои Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон интихоб карда шаванд:

**БАЛКИБОЕВА Жанагул Исмайловна**
**МАРДИЕВА Тӯлқиной Қосимовна**
**МИРАЛИМОВ Бахтиёр Деҳқонбоевич**
**МОРДОВИНА Ирина Константиновна**
**НАЗАРОВ Воҳид Маматалиевич**
**СУЮНОВА Дилбар Жолдасбоевна**
**ХАЛИЛОВ Дилмир Абдураҳмонович**
**ҲОШИМОВА Мухтабар Раҳматовна**
**ХУДОЙҚУЛОВ Зокир Нормуродович**
**ЯНГИБОЕВ Норқуввaт Қулназарович**

2. Инҳо озод карда шаванд:

**У.К.МИНГБОЕВ** аз вазифаи Раиси Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар пойгоҳи ариза оид ба бад шудани саломатӣ.

**К.АБДУВАЛИЕВА** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**Н.АБИДОВА** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**Р.А.АКБАРОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**А.Т.АЛИМУҲАММЕДОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ариза оиди ба нафақа рафтан

**М.И.БОЗОРОВА** аз вазифаи судяи суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**Э.ЙӮЛДОШЕВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мувофиқи ариза ба муносибати ба нафақа рафтан

**Я.А.ҚОДИРОВА** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**Т.Н.ҚОРАБОЕВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**Х.К.МАЛИКОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**М.Н.МАШАРИПОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**А.А.ПӮЛОДОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**М.Ю.ТОШҚОРИЕВА** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мувофиқи ариза ба муносибати ба нафақа рафтан

**А.ТУРҒУНОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштан

**С.ХУДОЙНАЗАРОВ** аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати ба дигар кор гузаштанд.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Э. ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд,
5 апрели соли 2002.

## Музди меҳнат тавассути карточкаҳои пластикӣ

Шӯъбаи дар Янгиер будаи Бонки миллии фаъолияти берунии иқтисодии Ӯзбекистон барои фароҳам овардани шароити қулай ба мизоҷони худ пайваста мекӯшад. Ба қарибӣ аҳли бонк ба яке аз мизоҷони худ — Нурхонаи алавии Сирдарё қулаии навбатиро фароҳам овард. Яъне, карточкаҳои пластикиро ҷорӣ намуд. Ин чунин маънӣ дорад, ки коркунон пули нақд не, балки карточкаҳои пластикиро мегиранд, ки дар он маблағашон ҷамъ мегардад. Аз ин рафтор миҷозон фоидаи дутарафа мебинанд. Аввало, ҳаёти худро суғурта мекунанд ва дар айни замон ба андозаи 36 фоизи солона даромади иловагӣ мегиранд.

## Ба Аълоҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

*Мӯҳтарам Президент Ислом КАРИМОВ,*

*Мулоқот бо Шумо ба ман шарафи калоне гардид. Аз эҳтиром ва эътиборатон сарам ба осмон расида, аз кӯмаку ҳамфикриатон миннатдор буданамро маълум карданӣ ҳастам.*

*Миннатдории худро барои ғамхориатон алоҳида зикр карданӣ ҳастам ва ба он эътимод дорам, ки ба бахти воҳӯрии минбаъда бо Шумо муяссар мегардам. Ба Шумо ва халқи Ӯзбекистон дархостҳои беҳтаринамро изҳор мекунам.*

*Бо камоли эҳтиром*

**Майкл Р. БЛУМБЕРГ.**
**мири шаҳри Нью-Йорк.**

## Маҷлиси комиссияи ҷумҳурӣ

***Дар Бекобод маҷлиси Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба назорат ва мутобиқсозии тайёркунӣ ва ба азнавкоркард супурдани оҳанпора, партовҳои маъдани сиёҳу ранга ба амал омада, дар он сарварони вазорату идораҳои дахлдор, ассотсиатсияҳо, ҳамчунин мақомоти минтақавии идора, ташкилотҳо оид ба ҷамъоварӣ ва супурдани ашёи хоми маъданӣ туфайлӣ иштирок намуданд.***

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков гузашт, натиҷаҳои кори комиссия дар семоҳаи аввали соли кунун, ҳамчунин вазифаҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Чуноне ки зикр ёфт, саноати маъдангудозӣ дар бобати собитқадамонаву суръати баланд бардоштани ислоҳотҳо мақоми махсус дорад, ки дар мамлакатамон ба рӯи об бароварда мешаванд. Дар давраи сипаришудаи соли кунун нақшаи пешбинигардида оид ба ҷамъоварӣ ва тайёркунии партовҳои маъдани сиёҳу ранга барзиёд иҷро гардид. Дар навбати худ он барои таъмини босамари иқтисодии корхонаҳо дар низоми Иттиҳодияи истеҳсолии саҳҳомии «Ӯзбекистон металлургия комбинати» мусоидат мекунад.

Ҳоли ҳозир комбинати мазкур ва ташкилотҳои ҳудудии он ба таъмини ташкилотҳои бинокорӣ, корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, кишоварзӣ бо масолеҳи бинокории нисбатан арзон диққату эътибори ҷиддӣ медиҳад. Маҳсулот аз маъдани рангаву сиёҳ ҳамчунин ба содирот бароварда мешавад.

Дар маҷлис зикр ёфт, ки вазифаи муҳими рӯз масъалаи ҷамъоварии оҳанпора ва партовҳои маъдани сиёҳу ранга ва сари вақт овардани онҳо ба комбинати маъдангудозӣ мебошад. Зарурати аз ҷиҳати моддӣ рағбатноксозии ташкилотҳое зикр гардид, ки супоришу фармоишҳоро оид ба тайёркуниву супурдани оҳанпораву партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга барзиёд ба иҷро мерасонанд.

**(ӮзА).**



## Оғози коркарди аввал

Пахтакорони ноҳияи Балиқчии вилояти Андиҷон ба коркарди аввалини байни қаторҳои пахта шурӯъ карданд. Дар ин бобат баҳодурони саҳрои хоҷагии ширкатии «Олимбек» намунаи ибрат мегарданд.

Дар хоҷагии мазкур ба тамоми 458 гектар пунбадонаро дар зери пардаи сунъӣ коштанд. Азбаски ҳаво мусоид омад, чигит неш зада, гектарҳои пурраро ҳосил намуд ва аз ин рӯ меҳнаткашони хоҷагӣ нисбати пешбинигардида бармаҳал ба коркарди байни қаторҳо шурӯъ карданд. Алҳол дар саҳроҳои он даҳ трактори нармкунанда кор карда, рӯзе ба ҳисоби миёна 50-60 гектар пахтазорро аз коркарди аввалин мебароранд. Ягонакунии ниҳолҳо ҳам оғоз ёфт.

— Соли кунун аз ҳарвақта дида ҳосили барвақтӣ рӯёнда, нақшаро барзиёд иҷро карданием, — мегӯяд раиси садорати хоҷагии ширкатии мазкур Ғуломҷон Аҳмадҷонов. — Ҳоли ҳозир дар тамоми майдонҳоямон гектарҳои пурра ҳосил гардидаанд.

Азбаски кор дар хоҷагӣ дар пойгоҳи шартномаи иҷоравӣ ташкил гардидааст, тадбирҳои агротехникӣ сари вақт ва аз ҳама муҳимаш, хушсифат ба иҷро мерасанд. Ва он бешак, боиси зиёд шудани ҳосил мегардад.

Натиҷаи фидокорӣ, чашмикордонӣ аст, ки соли гузашта аҳли хоҷагӣ аз ҳар гектар пахтазор 41 сентнерӣ ҳосил бардошта, ба анборҳои давлат 1835 тонна ашёи гаронбаҳои саноатиро супурданд. Умуман даромади соф аз кишоварзӣ соли сипаришуда ба 187 миллион сӯм баробар гардид.

Имрӯзҳо дар хоҷагии ширкатии «Олимбек» барои нисбати соли гузашта афзун гардондани ҳосил шароиту имконият ҳаст. Дар хоҷагӣ навъи тухмии серҳосили «Оққӯрғон-2» кишт гардидааст, ки бешак ба деҳқонон писанд афтода, дар афзун гардондани ҳосилнокӣ нақши калоне мебозад.

Навъи мазкури пахта ба ғайр аз серҳосилӣ бо баланд будани сифати нах ва ҳамчунин ба ҳар гуна маризиҳо тобовариаш фарқ мекунад.

**Дар сурат:** иҷоракор **Маҳмудҷон ХОНКЕЛДИЕВ** ва ҷонишини раиси садорати хоҷагии ширкатии «Олимбек» **Қурбоналӣ ҲАСАНОВ** дар саҳро.

**Аксбардор: Ш.ОЛИМОВ. (ӮзА).**

Дар ҳошияи қарор

## Сарзамине, ки Соҳибқирон ба воя расидааст

Дар шумораи гузаштаи рӯзномаамон қарори Девони Вазирон дар бораи тирамоҳи соли кунун қайд намудани ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз эълон гардид. Ва ин ҷашн дар зери сарпарастии ЮНЕСКО дар саросари ҷаҳон ҳам қайд карда мешавад ва боз як далели равшан дар бобати диққату эътибори калони ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои байналхалқӣ нисбати таъриху фарҳанги халқи меҳнатдӯсту саховатпешаамон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки аз мозӣ боз то ҳол дар ин кишвари қадима гузаштаи бузургамон Амир Темур барин бисёр одамони далеру шуҷоъ умр ба сар бурдаанду барои шӯҳрати нав ба нав пайдо кардани Кеши қадима саҳми калон гузоштаанд. Дар ин сарзамине, ки одамони далеру ҷасур, бовиҷдону боғайрат, ҳалолу нек умр ба сар бурдаанд ва мебаранд, фарҳангу санъат, илму маърифат инкишоф ёфтааст ва рушди худро меёбад.

Агар саҳифаҳои таърихро варақгардон кунед, то чӣ андоза қадимаву табаррук будани Шаҳрисабз, чӣ гуна мақскани муқаддас будани онро ба тезӣ пай мебаред. Зумраи намояндагони беназири фарҳанги ҷаҳонӣ дар ин кишвар дида ба дунё кушодаанд. Падар ва бобоёни Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Бедил, Мирзо Ғолиб барин алломаҳо дар ин сарзамин ба воя расидаанд. Вале, симое, ки ин кишварро ба ҷаҳон машҳур гардондааст, бешубҳа, Соҳибқирон Амир Темур мебошад.

Зеро Шаҳрисабз, ки яке аз маъвоҳои қадимаи фарҳангии мамлакатамон, маскане, ки бачагии Соҳибқирон гузаштааст, гувоҳи ғалабаҳои аввалин, хурсандиву ташвишҳои вай мебошад. Ин шаҳри қадима бо ҳаёту фаъолияти Алишери Навоӣ, Мирзо Улуғбек, Бобур барин арбобони давлатӣ, намояндагони илм, назм мустаҳкам вобаста аст.

Вале, дар инкишофи фарҳанг, ободонии Ватанамон, ба тамоми ҷаҳон машҳур гардондани Шаҳрисабз, ки яке аз гӯшаҳои зебои мамлакатамон мебошад, саҳми Амир Темур бузург аст.

Пеш аз ҳама зикр бояд намуд, ки ин сарзамини падарӣ, ки Амир Темур барин инсони бузургро ба воя расондааст— Кеши муқаддас дар муттаҳид гардондани сокинони ин кишвар дар торихи ватанамон, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти беназаре дорад. Ҳаракатҳои фидокоронаи гузаштаи бузургамон оид ба аз истилогарони муғул халос намудани Осиёи Марказӣ маҳз аз ҳамин сарзамини муқаддас оғоз ёфтааст.

Ва он бесабаб нест. Соҳибқирон ватани худро беҳад баланд қадр мекард. Шаҳри мазкур, яъне Шаҳрисабз барои вай на танҳо аз он сабаб муқаддас гардид, ки дар ин ҷо турбати авлодони Темур, пиру мураббиён, фарзандонаш мадфун шудааст. Маҳз дар ҳамин ҷо писари калонии соҳибқирон Ҷаҳонгир Мирзо ба хоки абадӣ рафтааст. Дар айни замон Шаҳрисабз ба саросари ҷаҳон ҳамчун маркази калони илму маърифат шӯҳрат пайдо кард. Шаҳрисабз дар олами Шарқ ҳамчун «Қуббаи илму абад» эътироф шудааст.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: чӣ тавр синну соли Кеши қадимаро муайян карданд ва 2700 сола будани он чӣ тавр ошкор гардидааст?

Бояд тазаккур дод, ки олимони қадимшинос ба омӯзиши синну соли Кеши қадима ҳанӯз соли 1963 шурӯъ карда буданд. Вале сохти пештараи тоталитарӣ роҳ нагузошт, ки ҳақиқати таърихӣ ошкор карда шавад. Чунки таърихи Шаҳрисабз пеш аз ҳама ба номи Соҳибқирон Амир Темур алоқаманд буд. Аз ҳамин сабаб тадқиқотҳо боздошта шуданд ва танҳо баъди тулӯъи Офтоби озодӣ олимонамон дар ҳамкорӣ бо хориҷиён ба омӯзиши таърихи ҳақиқӣ шурӯъ намуданд. Аз он ҷумла, олими қадимшиноси Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон А.Саъдуллоев ба экспедитсияе сарварӣ кард, ки бо омӯзиши манзилгоҳҳои деҳқонони муқими низоми Шӯробсои силсилакӯҳҳои Зарафшон машғул гардид. Натиҷаҳои тадқиқот ҷашмдошт гардид. Ошкор ёфт, ки аз солшумории мо пеш дар садаи IX қалъае бо номи Сангир сохта шуда, 3 гектар майдонро ишғол намуда, бо деворҳои похсагин иҳота гардида будааст. Бари девор аз даҳ метр зиёдтар аст. Аз Сангиртеппа 650 метр дуртар бошад, яъне Учункир шаҳре пайдо шуд, ки сохтмони он аз солшумории мо пеш ба садаҳои VIII-VII рост омад. 70 гектар будани ин шаҳр тадқиқотчиёнро ҳангуманг карда монд. Яъне ҳамин миқдор масоҳат бо девори баланд иҳота гардида буд. Ва он маскани аз ҳама қадима эътироф гардида, ҳамчун санаи созмон ёфтани Шаҳрисабз эътироф гардиду бо ҳамин санаи 2700 ба миён омад.

Агар саҳифаҳои таърихро варақгардон кунед, дар он чашматон ба суханони «вилояти Наутака» меафтад ва он маънои «манзили нав», «макон», «шаҳр» ва «манзилгоҳи нав»-ро ифода мекунад. Торихшиносони қадимаи Юнон ҳам Кешро Наутака номидаанд. Ва олимон ба ҳамин манбаъ такя намуда, Наутакаро шаҳри Кеш тавзеҳ медиҳанд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки қалъаи Узунқир маркази вилоят, ҷои ҳозираи Сангиртеппа саройи ҳокими Наутака будааст. Чунки бо деворҳои алоҳидаи мудофиавӣ иҳота гардидани он барои бардоштани чунин хулоса асоси муҳим гардиданд.

Кешро дар манбаъҳои чинӣ «Сухе» ва ё «Сусе» баён кардаанд. Ва он аз калимаи «Сӯғуд» ба миён омадаасту дар «Овисто» ҳам бо «Гава-Сӯғд» тавзеҳ дода шудааст, ки онро бешак торихшиносони вилояти имрӯзаи Қашқадарё меҳисобанд. Ҳаминаш боз аён аст, ки Искандари Мақдунӣ, шоҳони Эрон Кири II ва Дорои I ҳам ба ин сарзамин юриш карда, аз он ҷумла шаҳри Кешро ҳам ба хок яксон намудаанд.

Қадимшиносон ҳамчунин далелро дар ин бобат исбот карда доданд, ки Шаҳрисабз дар садаҳои V-VII маскане будааст, ки дар иқтисодиёт ва амалӣ гардондани савдо нақши калоне бозидааст. Дар байни Шаҳрисабз ва Китоб мавҷуд будани девори ягонаи мудофиавӣ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин ҷо давлати бузурге арзи ҳастӣ кардааст. Чунки дарозии девор 60 километр, дарои 14 дарвоза ҳам будааст. Баъзе олимон тахмин мекунанд, ки дар садаҳои V-VII Шаҳрисабз, яъне Кеш пойтахти давлати Суғд будааст. Чунки дар сарчашмаҳои ҳамондавра калимаҳои Кисс, Кишш, Кешш бештар вомехӯрад ва онро ҳамагон Шаҳрисабзи имрӯза мепиндоранд. Маънии ин калимаҳо кӯҳ, баландӣ аст ва қалъаҳо дар баландиҳо сохта шудаандро ифода месозад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ Кеш ҳамчунин бо номҳои Сусие ва Ши ҳам баён гардидаанд.

Алқиссаа, 2700 сол доштани Шаҳрисабз исботи амалии худро ёфт ва иҷлосияи 31-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО иштироки ин ташкилоти бонуфузи байналхалқиро дар ҷашнгирии 2700-солагии Шаҳрисабз тасдиқ намуд. Мувофиқи ана ҳамин қарор конфронси байналхалқӣ бо иштироки ЮНЕСКО таҳти унвони «Нақши шаҳри Шаҳрисабз дар торихи ҷаҳонӣ» гузаронда мешавад. Ҳукумати ҷумҳуриятамон ҳам дар бобати тайёрӣ ва гузарондани ҷашни 2700-солагии шаҳри мазкур қарор қабул карда, кумитаи тадоруқро созмон дод. Амалӣ гардондани тадбирҳои сершуморро ба зиммаи вазорату идораҳои дахлдор гузошт. Минҷумла, дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан гардидани тадбирҳои алоқаманди тайёрӣ ва гузарондани ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз ба алоҳидагӣ зикр ёфтааст. Вазорати фарҳанг якҷоя бо ҳокимияти вилояти Қашқадарё мебояд таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ-маҷмӯъҳои Оқсарой, Доруттиловат, Дорусаодат, гумбази савдои Чорсӯ, мадрасаи Чӯбинро дар фурсати кӯтоҳ амалӣ гардонанд. Чунки тантанаҳои ҷашнӣ тирамоҳи соли кунун дар сарзамине ба амал меояд, ки Соҳибқирон Амир Темур ба воя расидааст. Ин ёдгориҳои таърихӣ на танҳо барои аҳли Шаҳрисабзу ҷумҳурият, балки саросари ҷаҳон азизу мӯътабар аст. Ҳамаи мо хуб медонем, ки ин иншоотҳои азим низ қурбони таҷовузи мустамликачиён гардид. Ин қабил ёдгориҳои таърихӣ ба харобаҳо табдил ёфтанд. Аксари онҳо таҳти никоби «тадқиқотҳои илмӣ» толону тороҷ ва валангор гардиданд. Вале халқамон гузаштаи бузурги худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накард, онҳоро ҳамеша дар қалби худ нигоҳ дошт.

Шаҳрисабз ба ҷашни 2700-солагии худ тайёриро авҷ гиронд. Мардуми он якҷоя бо кӯмаки устоён аз саросари ҷумҳурият ба назаррабо гардидани ин шаҳри зебо шурӯъ карданд, таҷдиди ёдгориҳоро дар ҳамоҳангии талабҳои меъмории шарқонаву замонавӣ мегузаронанд. Ва онҳо бешак, ҳикмати бузургеро, ки Амир Темури бузург дар пештоқи қасри Оқсарой иншо карда буд, сармашқи кори худ қарор доданд: «Касе, ки шаъну шарафи моро диданӣ бошад, ба иморатҳои бунёднамуда назар афкананд».

**Э. НОДИР.**

15 апрел — зодрӯзи Садриддин Айнӣ

# Садриддин Айнӣ — забоншинос



Устод Айнӣ на танҳо сардафтари адабиёти муосири тоҷик, адабиётшиноси дақиқназар, балки сарвари илми забоншиносии тоҷик низ мебошад.

Чи навъе ки яке аз аз шогирдон ва ҳамкорони устод Садриддин Айнӣ Раҳим Ҳошим менависад, «Яке аз ҷиҳатҳои хеле муҳим ва барои маданияти мо хеле пурқиммати фаъолияти илмии устод Айнӣ соҳаи забоншиносӣ будааст. Дар даврае, ки ба забони адабии «нав»-и тоҷик асос гузошта мешуд, дар сари кори таҳрир ва таълифи асарҳо, қабул кардани истилоҳҳои илмӣ, тартиб додани китобҳои дарсӣ будани раҳнамое чун Айнӣ — донандаи ҳам назария ва амалияи забон, будани чунин марди барои ҳама мӯътабар хушбахтии бузурги илми забоншиносии мо будааст».

Бо ташкил ёфтани Ҷумҳурияти Тоҷикистон масъалаи забони адабии тоҷик, масъалаи муайян кардани роҳҳои тараққиёти ояндаи он ба миён омад ва бо гузаштан ба алифбои нав, ки мақсад аз осон гардонидани омӯзиши забон ба омма буд, ин масъала боз ҳам қувват гирифт.

Айнӣ дар мақола ва китобҳое, ки дар он давра навиштааст, намунаи чунин забони адабиро нишон дод, ӯ аз як тараф, масъалаи аз назар гузаронидан ва такмил кардани захираи луғавии забони тоҷикро ба майдон гузошта бошад, аз тарафи дигар, масъалаи содда, аз печдарпечҳои тарзи нигориш раҳо кардани услуби нигоришро таъкид намуд ва дар ин соҳа тамоми қувва, нуфуз ва эътибори илмии худро ба кор андохт.

Маълум аст, ки то солҳои 30-юм дар забони тоҷикӣ аксаран аз ислоҳотҳои арабӣ истифода мебурданд. Дар масъалаи истилоҳҳо фикри Айнӣ доимо равшан ва қатъӣ буд. Ӯ соли 1927 дар тақризи худ ба тарҷумаи китоби табиийёт аз русӣ навишта буд: «Он ибора (истилоҳ)-ҳои арабиро, ки тамомкунандагони мадрасаҳои Бухоро намефаҳмиданд, баровардан, ба ҷои онҳо луғатҳои содда ёфта мондан ва ҷумларо ба тадриҷ тоҷикӣ бастан даркор аст».

Баъзеҳо даъво мекунанд, ки ба ҷои калимаҳои арабӣ калимаҳои тоҷикӣ ёфтан ва агар набошад сохтан лозим мегуфтанд. Масалан, ба ҷои калимаи «мактаб», ки асрҳо боз дар забони тамоми халқҳои Шарқ ҷорӣ буд, калимаҳои дабиристон, дабистон ва ғайраро маҷбуран ҷорӣ мекунанд.

Тарафдорони ин ҷараён мегуфтанд, ки ба ҷои «фоида»-и арабӣ суд, ба ҷои «тахт» зер, ба ҷои «вақт» ҳангом кор фармуда шавад ва ин қабил калимаҳоро аз забон партофта, ба ҷои онҳо тоҷикиашро кор фармудан ва агар набошад, сохтан лозим аст! Дар ин хусус фикри Айнӣ чунин буд: «Аз кор фармудани ҳам «фоида» ва ҳам «суд» ва монанди инҳо тоҷикон зарар намебинанд, балки ба андозае, ки забони гуфтугӯяшон васеъ аст, забони навишташон ҳам васеътар мешавад.

Онҳо бо баҳонаи ин ки «халқ ва муаллимон намефаҳманд», аз забон баровардa партофта шудани чунин калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ монанди: фавқулодда, собиқ, унвон, масъул, қироат, табдил, кулфат, мутассил, ҳарорат, маҳбус, алвон, ҷайб, партов, пиндоштан, водор, бартарӣ, бузург, сард, нарм, доро буданд, гузаштан, намудан, кӯмак, пунба, ғирбол ва ғайраҳоро ҳамчун ҷузъҳои ба забони тоҷикӣ бегона» ба таври расмӣ талаб карда буданд.

Монанди ҳамин нисбат ба ҳама гуна калимаҳои ӯзбекӣ аз нуқтаи назари «унсурҳои бегона» назар карда мешуд. Бисёр калимаҳои дар забони зиндаи умумихалқӣ ва ҳатто адабӣ мавҷудбударо бекор ва бефоида эълон мекарданд. Барои мисол таёқ, қабурға, тинҷ, ӯлчак, чақмоқ, чӯлоқ, тешук, келин, қурбоққа, чумчуқ... дар забони тоҷикӣ унсурҳои луғавии нодаркор эълон карда шуда буданд.

Соли 1928 дар Тошканд маҷлиси машваратӣ барои тайёрӣ ба конференсияи алифбои нав барпо гардида, баробари масъалаи алифбо, масъалаи забони адабии тоҷик ба мубоҳиса гузошта шуд. Мунозира ва мубоҳисаи дар он воқеъшуда дар масъалаи забони адабии тоҷик ду ҷараёни ба ҳамдигар мухолифро ошкор намуд.

Фикри он ду гурӯҳи ба ҳамдигар муқобил мундариҷаи асосии мубоҳисаи дар давоми солҳои 1928-1930 оид ба забонро ташкил менамуд. Айнӣ фикру мулоҳизаҳои худро оиди ин мубоҳиса дар мақолаҳои матбуоти даврагӣ «Дунёи нав — алифбои нав», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Забони тоҷик», «Ҷавоби ман» баён намуда буд.

«Аз рӯи шунидам, дар болои хостани забон дар адабиёти нави навиштаи тоҷик ду фикри асосӣ меравад: яке қабул кардани забони умумии форсӣ, ки аз он ҳамаи форсизабонони ҷаҳон фоида бурда тавонанд. Дигаре забони соддаи авоми тоҷик.

Касоне, ки тарафдори фикри аввалaнд, мегӯянд: адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар шарқи форсӣ аст. Агар мо забони адабиёти нави тоҷикро ба забони соддаи тоҷик вобаста карда монем, вазифаи байналмиллалии худро адо карда наметавонем.

Касоне, ки фикри дуюмиро пеш меронанд, мегӯянд: вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илму дониш дар байни онҳо ва оммавӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон аст. Агар мо байналмилалӣ мекунем гуфта, забони адабиёти тоҷикро аз доираи тоҷикон берун барорем, қисми авоми тоҷик аз ғизои дониш маҳрум мемонад.

Худи ман аз тарафдорони фикри дуюмӣ ҳастам, зеро «аввал хеш, баъд дарвеш» аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст»! (Н.Масъумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик НДТ-1959, саҳ.16).

Айнӣ ба ин навиштаҳои худ масъалаи мубориза барои забони умумимиллӣ- адабии тоҷик ва асоси умумихалқии онро бо ғоянокӣ ва мундариҷаи асарҳои навишташаванда сахт вобаста мекард.

Баромадани Айнӣ ба муқобили ҳама гуна гурӯҳҳои «забонҷӯяндагон» ва забонбозсозандагон», бар зидди равияи шаҳрчигӣ ва маҳалчигӣ оид ба забон ва лаҳҷаҳои маҳаллии вай нигаронида шуда буд. Айнӣ ба муқобили фикри онҳое, ки забони адабии тоҷик умуман нест», «дар асоси лаҳҷаҳои ҷудогона забони адабии тоҷикро сохтан зарур аст» мегуфтанд, баромада, исбот мекард, ки забони адабии тоҷик буд, ҳаст ва дар асоси лаҳҷаҳои маҳаллӣ барои ҳар лаҳҷа як забони ҷудогона сохтан қатъиян зарурат надорад ва ин кор дар айни ҳол зидди фикрҳои таърихӣ мебошад!»

Айнӣ дар тамоми асару мақолаҳо оид ба забон масъалаи омӯхтан ва истифода кардан аз сарватҳои лаҳҷаҳо, аз ҷумла лаҳҷаҳои кӯҳистонро ба миён мегузошт. Ӯ навишта буд: «Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд ва вазифаи мо, нависандагон ҳам дурдонаҳоро ёфта, ба омма тӯҳфа кардан аст».

Устод Айнӣ вазифаи нависандагонро дар кори ба омма наздик кардани забони адабӣ, нигоҳ доштани покизагии он гаштаву баргашта қайд кардааст: Ӯ мегуфт: «бояд нависанда ба дараҷаи содда ва оммафаҳм нависад, ки ҳар хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад ва дар айни замон навиштаҳои ӯ мувофиқи қоидаҳои забон буда, дилчаспу шавқангез барояд».

Як соҳаи муҳими фаъолияти илмии устод луғатшиносӣ ва луғатнависӣ мебошад. Яке аз роҳҳои луғатомӯзӣ ва луғатсанҷии устод аз одамон, хусусан аз намояндагони лаҳҷаҳои гуногун пурсида, санҷида, омӯхтан буд,ки устод дар кори ба гап даровардани касон, ба гап гирифтан аз касон устухон надошт.

Устод дар тартиб додан ё таҳрири луғатномаҳое, ки дар давронӣ ҳаёт буданаш дар Тоҷикистон нашр шудаанд, иштирок доштааст.

Устод Айнӣ дар як муддати кӯтоҳ барои забони умумихалқии тоҷик асари лексикографии намунавӣ-луғати мухтасаре танзим намуд, ки он ҷиҳати илмӣ ва тартибу танзими худ намунаи ибрат буд.

Чи навъе ки худи устод дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» қайд мекунад, ин луғат солҳои 1936-1938 тартиб дода шуда, дорои 15000 воҳиди луғавӣ будааст. (дар муқаддима 11 ҳазор гуфта).

Хулоса, дар даврае, ки ба забони адабии нави тоҷик, ба илми забоншиносии имрӯзаи тоҷик асос гузошта мешуд, дар сари ин кор будани раҳнамое чун устод Айнӣ хушбахтии бузурги забоншиносии мо будааст.

**Амон ВОҲИДОВ, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади илми филология.**

# Осорхонаи Мирпӯлодҳоҷӣ

Ин хонадони меҳмоннавозро дар маҳаллаи Ҳувайдои шаҳри Тошканд хурду калон медонанд. Дари ин маъво соати панҷи субҳ боз гардида, соати даҳи шаб пӯшида мешавад. Ва ин ҳолат, чун хоси дигар оилаҳои ӯзбек, ҳар рӯз давом мекунад.



Дар хонаи барҳавои Мирпӯлодҳоҷӣ Мирсоатов мудом мардуми сершуморро мебинед. Ҳамсоягон, хешу ақрабо, пайвандон, дӯстони фарзандони калонсоли ӯ, ҳамсинфони наберагон ба ин ҷо мунтазам меоянд. Ҳатто меҳмонон аз хориҷа, минҷумла аз Амрико меҳмон гардидаанд. Сафири Италиё дар мамлакатамон дар хонадони Мирпӯлодҳоҷӣ меҳмони изатманд аст.

Сабаб дар ин ҷо осорхонаи Мирпӯлодҳоҷӣ арзи ҳастӣ мекунад. Ва он 160 метри мураббаъ майдонро ишғол намудааст. Соҳиби хонаи чашмикордон ба мақсади сарфа кардани замин нигораҳои осорхонаи худро дар ошёнаи дуюм ҷойгир сохтааст, ки онро одатан дар байни халқ болохона мегӯянд. Чанд толори барҳаворо молик аст.

Дар ҷои аз ҳама намоён, дар чорчӯбаи шишагин ному насаби авлодони Мирсоатовҳо иншо гардидаанд. Решаҳои амиқ дорад ин авлод. Маълумотҳо дар хусуси бобокалонҳо, бобоён ва падар, бародарон ва хоҳаронаш гирд оварда шудаанд. Дар хусуси аҳли байти Мирпӯлодҳоҷӣ сатрҳои зиёд иншо нагардидаанд. Ӯ соҳиби шаш писар буда, онҳо ҳамроҳи келинҳо даҳҳо набераву чаберагонро ба камол мерасонанд. Ва агар маҷозан, ифода намоем, оилаи Мирсоатовҳо чинори азими решаҳои амиқдошта аст.

Духтури дандони дармонгоҳи 32-юми шаҳри Тошканд М.Мирсоатов тамоми фарзандони худро соҳиби маълумоти олӣ гардондааст. Дар байни фарзандон муҳандисон, иқтисоддонҳо, омӯзгорон ҳастанд.

Вале боз лозим меояд дар бораи осорхона ҳарф занем. Чунки дар шароити иқтисодии бозаргонӣ на ҳар кас қудрати созмон додани чунин маркази маънавиётро молик мебошад. Ҳамин ки ба осорхона ворид гардидам, пеш аз ҳама маро сурату ҳайкалҳое ба тасхир овард, ки дар ин ҷо ниҳоят зебову шинам ҷо ба ҷо карда шудаанд. Ва ин нигораҳо бе ягон муҳобот галерияи азимеро зеб доданашон мумкин аст. Дар ин ҷо асарҳои мусаввирони номдор, аз қабили Абдулҳақ Абдуллоев, Рӯзӣ Чориев, Владимир Бурмакин ва Баҳодур Ҷалолов гирд оварда шудаанд. Асарҳои Темур Ҷамолиддинов, Ҳайдар Салаев, Беҳзод Маҳмудов ва дигарон низ нигораҳои нодири осорхонаро ташкил медиҳанд.

Дар байни нигораҳо портретҳои худи Мирпӯлодҳоҷӣ ҳам ҳастанд. Онҳо ниҳоят нодиранду ба мӯқаламӣ мусаввирони мухталиф мансубанду хислатҳои наҷиби ин инсони мӯътабарро ҳаматарафа кушода додаанд.

Мирпӯлодака аз хурдсолӣ ба оламӣ нафосату зебоӣ меҳру муҳаббати калоне дошт. Соатҳои дароз нигораҳои нодири осорхонаҳоро тамошо мекард, ягон намоишгоҳро тамошо накарда намемонд. Дар ин муддат соҳиби чандин асар гардид, ки ӯро дӯстон, қарибон кашидаву тӯҳфа карда буданд. Аз ин рӯ, дар вай хоҳиши созмон додани осорхонаи худӣ ба вуҷуд омад. Ва дар бобати созмон додани осорхона муошират бо мусаввирон нақли калоне бозид. Махсусан дӯстии вай бо Абдулҳақ Абдуллоев самараи хуби худро бахшид. Азбаски Абдуллоев на танҳо мусаввир, балки файласуф буду мусиқӣ ва рақсро бо нозукиҳояш ҳис мекард, қалами бурро дошт, онҳо дӯстони қарин гардиданд.

Ба кӯмаки Абдуллоев Мирпӯлодҳоҷӣ ба осорхонаи худ портретҳои «Алишери Навоӣ», «академик Ҳабиб Абдуллоев», «Индира Гандӣ», «Ромкунандаи мор», «Раққоса», чанд шакли «Портрети муаллифӣ»-и мусаввирро ҳарид намуд.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Дар шаҳри Уфусси Италиё галерeяе ҳаст, ки дар он ҷо портретҳои муаллифи мусаввирони номдор, аз он ҷумла асарҳои Леонардо да Винчӣ маҳфуз аст. Ва он чиз боиси қайд аст, ки дар байни онҳо асари Абдулҳақ Оқсақолович ҳам ҳаст.

Дар бораи нигораҳои музеи Мирпӯлодҳоҷӣ ба ман чанд сол муқаддам Абдулҳақака нақл карда буд ва ниҳоят иншо кардани мавод дар хусуси ин марди фидокор акнун ҷомаи амал пӯшид, ки сабабҳои мухталиф дорад.

Мирпӯлодҳоҷӣ дар ҳаққи мусаввири бузург суханони миннатдориро бештар ба забон мегирад. Зеро вай духтури дандонро аз як ҳақиқати одилона бохабар карда буд: дар дунё ба ғайр аз сарвати моддӣ боигарии маънавӣ ҳам ҳаст, ки он ниҳоят воло меистад.

— Ман аз паи сарватҷамъкунӣ нашудам, — мегӯяд Мирпӯлодҳоҷӣ. — Маблағи аз рӯзгор пасандозро барои рушди осорхона харҷ кардам. Бигузор, фарзандон, дӯстон, наберагону чаберагон аз олами нафосат ва зебогӣ баҳравар гарданд.

Ӯзбекон мақоли хуб доранд: касе, ки таърихи худро намедонад, онро эҳтиром намекунад, аз ҳама муҳимаш, гузаштагони худро аз ёд баровардааст, оянда надорад. Ва Мирпӯлодҳоҷӣ дар бобати амалӣ гардидани ин мақсад саъю кӯшиши беҳамтое дорад.

**Рустам ШАГАЕВ, мухбири ЎзА.**

**Дар сурат: Мирпӯлодҳоҷӣ** бо портрети худ, ки ба қалами мусаввир Темур Ҷамолиддинов мансуб аст.

**Аккосии муаллиф.**

Набзи ҳаёти омӯзишгоҳҳо

# Наврӯзи омӯзгорон

Коллеҷи омӯзгории Косонсой чоряк аср аст, ки барои мактабҳои таълими умумии вилоятҳои водии Фарғона омӯзгорони дорои маълумоти миёнаи махсусро тайёр менамояд. Алҳол, собиқ дастпарварони ин даргоҳи таълимро дар гӯшаву канори ҷумҳуриятамон ёфтан мумкин аст. Феълан дар омӯзишгоҳи номбурда 1145 нафар толибаву талабагон асрори касби душвор, вале пуршарафи омӯзгориро меомӯзанд. Ба онҳо 78 нафар омӯзгорони баландихтисосу ботаҷриба таълиму тарбия медиҳанд.

Ба ҷомеаи коллеҷ омӯзгори ҷавону ташаббускор Шарофиддин Болтибоев роҳбарӣ мекунад. Бинобар ташкили дурусти корҳои таълимӣ ва роҳбарии моҳирона ҷомеаи коллеҷ аз рӯи натиҷаҳои соли таҳсили 2000-2001 дар байни омӯзишгоҳҳои соҳавии ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои баландро ишғол кардааст.

Ҷамоаи варзишгарони гурӯҳи талабагони тарбияи ҷисмонии коллеҷ соли 2001 дар мусобиқоти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои футбол, волейбол, тӯби дастӣ, теннис, ки дар шаҳри Ҷиззах барпо гардид, бо 26 медал, ки аз он 5-тоаш тилло мебошад, баргаштанд. Тимҳои фаннии коллеҷ дар мусобиқаҳои «Оё шумо қонунро медонед?», «Оё шумо таърихро медонед?», «Ҷавонӣ даврони шодмонӣ» дар вилоят ҷойҳои аввалро ишғол карда, дар қувваозмоиҳои ҷумҳурӣ шарафи вилоятро ҳимоя мекунанд.

— Соли гузашта ба шакли нави таълим, яъне коллеҷ гузаштани омӯзишгоҳамон барои ҷамоа имконияту вазифаҳои навро вогузоштааст. Пеш аз ҳама хонандагон аз рӯи меъёру андозаҳои байналхалқӣ таълим мегиранд. Барномаи таълимӣ чунон таҳия шудааст, ки омӯзгорони оянда тӯли се сол барномаи коллеҷро пурра аз худ намуда, минбаъд дар мактабҳои олии соҳа таълимро аз рӯи барномаи бакалаврӣ идома медиҳанд. Якҷоя бо таълимгирӣ хонанда дар омӯзишгоҳ-коллеҷ бо кори илмӣ машғул буда метавонад, — гуфт зимни суҳбат бо мо сарвари коллеҷ Ш. Болтибоев.



Ҳангоми мулоқотамон роҳбари коллеҷ номи омӯзгорони моҳиру пуртаҷриба Маъсумов Баҳодур, Маматов Шодмонхон, Бобохонов Рустамхон, Маматқулов Абдусаттор, Олимбоев Абдурауф, Шеров Абдураҳим, Умарова Маҳбуба, Аббосхӯҷаева Галина, Абдуллоева Муборакхонро бо фахр ба забон гирифт. Омӯзгорони зикршуда ҳам дар кори таълиму тарбия ва ҳам дар тадбирҳои гуногун пешсафи ҷомеаанд.

Чанде пеш, ин ҷомеаи аҳлу тифоқи ҳам омӯзгорону ҳам донишҷӯёни коллеҷ иди бостонии солинавии мардумони машриқзаминро бо як ҷаҳон хурсандиву шодмонӣ ҷашн гирифтанд.

«Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост» гуфтаанд дар урфият. Баҳори имсола бо рутубати фаровон барои ҷумлаи мавҷудот ризқу насибаи бобаракот меорад. Бигузор Наврӯзи имсола, баҳори соли 1381-уми ҳиҷрии шамсӣ барои ҳамагон бобарору саодатбахш бошад.

**А. НУРИДДИНОВ.**

Дар сурат: лаҳзае аз иди Наврӯз дар коллеҷ.

# Маркази технологияи олмонӣ

***Маркази технологияи олмонӣ дар назди Консерни «Ӯзавтойӯл» кушода шуд. Дар маросими мутантан ва баъди дар нишасти матбуотӣ бахшида ба ин воқеа омӯзгорон ва намояндагони ҳайати вакилон иштирок намуданд, ки аз ҶФО буданд.***

Ҳозиринро ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Юнусов, Котиби давлатии Вазорати иқтисодиёт ва меҳнати Сарзамини федеролии Саксонияи Ҷумҳурияти Федеративии Олмон В.Селлер, ки сарвари ҳайати вакилони меҳмонон буд, Сафири Фавқулодда ва Мухтори ҶФО дар Ӯзбекистон М.Хеккёр хайрамақдам гуфтанд.

Дар суханронии онҳо аз он ҷумла зикр ёфт, ки бинои замонавии марказ боз як гувоҳ аз пайваста таҳким ёфтани ҳамкории ӯзбекистониву олмонӣ мебошад. Марказ чизи заруриро барои ташкили раванди таълим молик буда, бо кӯмаки омӯзгорон ва мутахассисони олмонӣ бомуваффақият кори худро ба роҳ мондааст. Дар ин ҷо тайёркунии кадрҳои миллӣ аз рӯи тахассуси лоиҳакашон оид ба сохтмон ва нигоҳубини инфрасохтори роҳ, ҳамчунин мутахассисон оид ба нақшагирӣ, арзёбии молиявӣ ва аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок кардани лоиҳаҳо ба мақсади ҳатталимкон истифода бурдани онҳо ба роҳ монда шудааст. Дар раванди таълим иштирок намудани мутахассисони олмоние зикр ёфт, ки на танҳо саромадагони иншоотҳои роҳҳои автомобилии тезгард, балки соҳиби технологияи пешқадам дар соҳаи мазкур мебошанд.

Он чиз боиси қайд аст, ки техникаи роҳсозии олмонӣ ва таҷрибаи касбӣ дар ин бобат истифода гардидааст ва алҳол на танҳо дар балоиҳагирии роҳҳои автомобилии тезгарди Андиҷон-Тошканд-Нукус-Қӯнғирот, ки ба ҳамаи талабҳои андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгӯст, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Онҳо гӯшаву канори аз ҳама дурдасти ҷумҳуриятамонро бо роҳҳои автомобилгарди Қирғизистон ва Чин, Қазоқистону Россия ва дигар мамлакатҳо пайваст намуда, кӯпруки ба худ хос байни Шарқ ва Ғарб, ҳамчунин Шимол ва Ҷануб мегарданд. Бо ҳамин мутахассисони саксонӣ дар кори эҳёи Роҳи бузурги абрешим саҳми муносиби худро мегузоранд.

Боз як далел: дар ин раванд мебояд умидчиён ва дигар ҳамватанонамон ҳам нақши калон бозанд, ки якҷоя баробари гузаштан аз тайёрӣ дар Маркази технологияи олмонии Тошканд дар ҳамин қабил муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои бинокории Олмон таҷриба ҳам меомӯзанд. Зикр кардан лозим аст, ки аз соли 1993 боз дар ҶФО аз рӯи барномаи ҳамкории дуҷониба қариб 500 нафар мутахассисони ӯзбекистонӣ малакаи касбии худро баланд бардоштанд.

Ба ҳамин муносибат зарур аст зикр намоем, ки баъди соли 2001 ба имзо расидани мувофиқатномаи байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкории техникӣ байни Ӯзбекистон ва Олмон, ҳамчунин Созишномаи ҳамкорӣ байни Консерни давлативу саҳҳомии «Ӯзавтойӯл» ва Вазорати иқтисодиёту меҳнати Сарзамини федералии Саксонияи ҶФО дар доираи онҳо Маркази технологияи олмонии кооператсияи ба ҳамдигар муфиди дуҷонибаи мамлакатҳоямон дар соҳаи сохтмони роҳ оғоз ёфта, он ба марҳилаи нави рушди худ расид. Ва ҳамаи он бешак, барои суръатфизоии ҳамгароии мамлакати мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хизмат мерасонад.

**Сергей ҚУРБОНОВ, мухбири ОИ «Ҷаҳон».**

# Мактаби ибратбахш

Аз иншои «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов, ки адиби номвари авар аст, беш аз се даҳсола гузашт. Вале то ҳол баҳсу мунозираҳо пиромуни он идома доранд.Мешавад, ки баҳри тасдиқи фикр ё он ақидаву арзи тафоҳум аз он китоб, ки сар то по аз ҳикоёту нуктаҳои пандомез таркиб ёфтааст, иқтибос оранд.

Ҳанӯз дар солҳои шастуми асри сипаришуда «Доғистони ман»-ро навоварӣ дар наср эътироф карда буданд. Бисёр асарҳои «даврони рукуд», бо вуҷуди ба мукофотҳои олӣ сазовор ва гарм истиқбол ёфтанашон, инак, ба дарде нахӯрда ва аз назарҳо мондаанд, вале ин китоби суханвари барҷаста гӯё ҳамон бо «тару тозагӣ» монд. Ҳамон онро чун баёзи катибаҳову гулчини мақолу ҳикматҳои зиндагӣ мардуми олам бо шавқи том мехонанд. Саводи шоирӣ ё нависандагонӣ, албатта «мактаб» надорад. Вале соҳибтаъбе, ки истеъдоди хеш дар мактаби Ғамзатов тарбия дод, аз ӯ омӯхту ба фармудаҳои он суханвари закӣ амал намуд, тавфиқ хоҳад ёфт.

Ба қавли Расул Ғамзатов, аз шоир пурсидани нақшаи эҷодӣ бемаънигист. Ӯ менависад:

«Шеър ногоҳ чун мукофоте меояд. Кори шоириро ба нақшаи аниқу дақиқ даровардa намешавад. Масалан, чунин нақша кашидан мумкин нест, ки имрӯз соати даҳи пагоҳӣ духтари дар кӯча дуҷоромадаро дӯст хоҳам дошт...»

Шоир шеърро ба гулҳои саҳро ва марғзори кӯҳҳо нисбат медиҳад, ки он ҷо сари ҳар қадам баногоҳ падид омаданашон мумкин аст.

Ғамзатов менигорад:

«Уқобе, ки байни мурғони хонагӣ коҳилона мегардад, дигар уқоб нест. Гулмоҳие, ки даруни шишаи об шино дорад, гулмоҳӣ нест. Ҳавопаймое, ки дар музей меистад, ҳавопаймо нест».

Ин гуна суханони дилрасу обдор ҳиссиёти хонандаро ба ҷунбиш меоранд.

«Доғистони ман» як навъ сафарномаи адиби ҷаҳонгашта аст, ки хонанда бо мутолиаи он гӯё ба сайри як қатор мамолики ҷаҳон мебароянд. Вале бо баробари сайри ҷаҳон кардан хотироти фаромӯшнопазири даврони кӯдакӣ бо ӯст. Манзараҳои дилпазири диёри тифлӣ дар пеши назараш... Вай медонад, ки дар Швейтсария ё Неапол барин ҷойҳо манзараҳои зеботаре ҳаст, аммо куҷое равад, чӣ зебоиҳои рӯи заминро бинад, чизҳои дидаи худро бо манзараи овони бачагиаш, бо сурате, ки дар чорчӯбаи тирезаи падараш ҷо гирифтааст, қиёс мекунад ва тамоми зебоиҳои олам дар пеши он ҳеҷ менамояд. Адиб гуфтанист, ки ба ҳар кас меҳри зодгоҳ, муҳаббати ёру диёр муқаддасу баланд аст. Ба ҳар як фарзанди инсон, сарфи назар аз он ки ӯ зодаву парвардаи кадом кишвар аст, зеботарин диёр маҳз зодгоҳи ӯст.

«Ман тамоми воқеоти оламро дар бунаам, авулам, Доғистонам, дар муҳаббати ватанам ҷустанӣ нестам. Баръакс, муҳаббати ватанро дар тамоми воқеоти олам ва тамоми гӯшаву канорҳои он мебинам».

Дар ин фармудаҳои адиби номвар маъниҳои чуқур ниҳонанд.

* * * * *

Инак, сатрҳои ҷолибе аз дафтарчаи хотироти Расул Ғамзатов: — уқоб, суруди аз ҳама дилписандат кадом аст?

— Суруди кӯҳҳои баланд.

— Моҳихӯрак, суруди аз ҳама дилписанди ту кадом аст?

— Суруди баҳри нилгун.

— Зоғ, суруди аз ҳама дилписанди ту кадом аст?

— Суруди лошахӯрӣ дар корзор.

Адабиёт ҳам паррандаҳо дорад: уқобҳову моҳихӯракҳо. Яке васфи кӯҳсорон мекунад, дигаре таронаи баҳри дамон мехонад. Ҳар кадом ватане дораду мавзӯе. Аммо зоғҳо низ ҳастанд. Онҳо бештар худро меписанданд. Зоғ ҳангоми кофта хӯрдани чашмони мурда дар корзор андеша надорад, ки соҳиби он чашмон қаҳрамоне буд ё буздиле. Ман адибонеро медонам, ки имрӯз коре мекунанд, ки барояшон имрӯз судовар аст, фардо ба коре даст мезананд, ки фардо нафъ меоварад».

* * * * *

Андешаҳои адиб дар хусуси мавзӯи асари бадеӣ басо ҷолиби диққатанд. Ғамзатов нависандагонеро, ки ба сад мавзӯъ даст мезананду ягонтоашро ӯҳда намекунанд, мазаммат мекунад, лекин, баробари ҳамин, кас гуфта наметавонад, ки ин мавзӯи ман аст, ягон одам ба вай даст назанад.

Нависандагони гуногун, бехабар аз якдигар, ҳамон як мавзӯъро интихоб ва навиштанашон мумкин аст. Марра аз они адибест, ки беҳтар ва хубтар менависад.

Расул Ғамзатов дар ақидаи он аст, ки нависандагоне, ки мавзӯъро на аз рӯи муҳаббат ё нафрат, балки азрӯи шома, дурусттараш бӯй карда меҷӯянд, фарзанди даврони худ, фарзанди замон нестанд, балки фарзанди як рӯзанд.

Худи адиби номвар низ дар ҷавонӣ ба хатогие роҳ дода буд. Коре ки ӯ кардааст, ба хотир овардан барояш басо ногувор. Дӯстонаш барои ин хатояш ӯро бисёр ҷанг карданд. Он гопҳо барояш ҷазо буданд. Аммо ҷазои сахттар ҳамеша бо ӯст — азоби виҷдон. Аз виҷдони худаш ба вай касе сахттар ҷазо дода наметавонад.

Ва адиби барҷаста, қабл аз он ки чӣ будани он гуноҳашро бо як эҳсоси дардзо баён намояд, аз фармудаҳои пандомези қиблагоҳи хеш ёдовар мешавад:

Падарам мегуфт: агар кори носазое ва нанговаре бикунӣ, баъди он сад тавбаву тазарро нагӯй, тири аз камон ҷаста барнамегардад.

Падарам боз мегуфт: шахсе, ки кори нанговаре карда, баъди чанд сол пушаймон хӯрдааст, одамеро мемонад, ки қарзашро бо пули кӯҳна адо карданӣ мешавад.

Хонандагони Расул Ғамзатов аз ӯ мепурсанд, ки «бигӯ, соли ҳазору нӯҳсаду панҷоҳу якум Шомилро сиёҳ карда шеър навиштӣ, соли ҳазору нӯҳсаду шасту якум Шомилро таъриф карда шеър навиштӣ. Дар зери ҳар ду шеър ҳам имзои Расул Ғамзатов. Хуш, мо ба кадоме аз ин Расулҳо бовар кунем?»

Ин мепурсанд хонандагонаш ва ба ҷароҳаташ намак мепошанд, балки санг мепарронанд ба тирезаи хонааш: «Бигӯ, бигӯ...»

Ва шоир мегӯяд: «Оре, тири ба тан расидаро гирифта партофтан мумкин, вале тири ба дил расидаро метавон гирифта партофт?

Расул ба айби худ иқрор аст. Аз он ки ба як шахс ду гуна баҳо дод ва дурӯягиву бепринсипӣ нишон дод, сахт дар хиҷолат аст. Гӯяд: мисле, ки духтари соҳибҷамол ҷавони нодонро мафтун месозад, маро ҳам шукӯҳи замона мафтун карда буд. Ман ба ҳама чун домод ба арӯс менигаристам ва айбу иллате намеёфтам.

Ман сояи замон будам, идома медиҳад адиб. Вақте гуфтанд ки Шомил ҷосуси англис ва турк буда, мақсадаш нифоқ андохтан байни халқҳост, бовар кардам. Ман ба иморате, ки дар он қарори мазкур тасдиқ шуда буд, инчунин ба соҳиби он иморат эътиқод доштам. Ҳамон вақт шеъри Шомиламонро фошкунандае навиштам...

Бале, шоир сояи замон будани худро пай бурда, ба он тандеҳона иқрор мешавад. Баъд пай мебарад, ки соя қарор гирифтани шоир мумкин нест, вай ҳамеша оташ, манбаи нур аст, хоҳ оташи хурд бошад, хоҳ хуршеди бузург. Нур соя надорад, нур фақат равшанӣ мепошад. Зимнан, онҳое, ки дар дил шавқи нависандагӣ доранд, аз «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов бисёр чизҳоро омӯхта метавонанд. Мактаби адабии Ғамзатов дар ҳамаи давру замонҳо ба намояндагони ҳама халқҳо на танҳо маҳорати нигориш, балки дарси садоқату меҳанпарастӣ, башардӯстӣ ва ҷавонмардӣ хоҳад омӯхт.

**Ш. МУҲАММАД.**

